## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-012-и назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод шудааст.**

Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси “Иқтисодиёти меҳнат” (рӯзона) ва соли 2021 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “Идораи давлатӣ” (маълумоти дуюм) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз кардааст. Дар Академияи мазкур дар вазифаҳои муаллими калони кафедра, мутахассиси пешбари раёсати таълим, муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ ва муовини декан оид ба таълими факултети идоракунии давлатӣ фаъолият намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2023 ба ҳайси муаллими калони кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Дар баробари ин, Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович аз моҳи июни соли 2018 (фармоиши №39 аз 1.06.2018) ба сифати унвонҷӯ дар шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) дохил гардидааст.

Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович дар муддати унвонҷӯӣ ба таҳқиқоти илмӣ машғул гардида, дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ,

ҷумҳуриявӣ, инчунин, дар машваратҳои илмӣ фаъолона ширкат варзидааст. Унвонҷӯ ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои илмии таҳқиқотчиёне, ки ҷанбаҳои назарявии кори мазкурро таҳқиқи намудаанд, нишон додааст. Дар ин раванд, Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович маҷмуи зиёди маълумоти омориро доир ба рушди хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон ҷамъоварию коркард намудаст. Ин имконият дод, ки муаллиф таҳқиқоти илмии ба таҳлил такядоштаро анҷом дода, диссертатсияи номзадиро барои ҳимоя пешниҳод намояд. Унвонҷӯ дар рафти таҳқиқот масъалаҳои рушди касбияти хизматчиёни давлатиро муайян намуда, дар ин самт мустақилиятро нишон дод. Дар натиҷа, коркардҳои пешниҳодшуда дорои навоварии илмӣ мебошанд.

Кори диссертатсионии Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович аз он бар меояд, ки масъалаҳои муҳимми низоми идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯбаи талаботҳои муосир ва раванди ислоҳотҳои иқтисодии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифта шуданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши баланд намудани касбияти хизматчиёни давлатиро, дар доираи амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъмин намуда, ба тақвияти механизмҳои рушди сармояи инсонӣ дар низоми идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳ мебахшад. Ҳамзамон, зарурати мутобиқгардонии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, тавонмандии онҳо ба ҳалли вазифаҳои таъмини рушди устувори иқтисод ниёзро ба ҳамгироии таҳлилу таҳқиқотҳои раванди идоракунии давлатӣ ва салоҳияти хизмати давлатӣ афзун мегардонад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда ва дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва

мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шуданд.

**Дар боби якуми диссертатсия**, “Асосҳои назариявии ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ” кӯшиши шарҳу таҳлили ғоявию методии низоми идоракунии захираҳои инсонӣ, қонуниятҳои калидӣ, баргузории тағйиротҳои сохторӣ ва накши механизмҳои идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ таъмин шудаст.

**Дар боби дуюми диссертатсия**, “Арзёбии иқтисодӣ ва вазъи идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” пояи меъёрию ҳуқуқии раванди идораи захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ таҳлил шуда, тамоюлҳои асосӣ дар бахши мазкур баҳогузорӣ шуданд, ки барои инъикоси мушаххаси механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии кишвар заминаи зарурӣ гузошт.

**Дар боби сеюми диссертатсия**, “Самтҳои стратегии рушди механизми идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” афзалиятҳои стратегии идоракунии захираҳои инсонӣ дар доираи низоми хизмати давлатӣ асоснок гардида, дурнамои ҳамоҳангсозию ҳамгироии масъалаҳои идорои захираҳои инсонӣ бо ҳадафҳои рушди иқтисодии кишвар баррасӣ гардид. Дар ин раванд, принсипҳои асосии такмили механизми идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти зарурати мутобиқсозӣ ба талаботи ҷомеаи муосир ва равандҳои ислоҳоти институтсионалӣ мавриди асосноккунӣ қарор гирифт.

**Дар хулоса** ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Натиҷаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии

нашргардида ва баромадҳои мухталиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттесатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири шуъбаи моделсозӣ ва
дурнамогирии равандҳои иҷтимоӣ-
иқтисодии Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ Муминова Ф.М.

Имзои н.и.и., дотсент Ф.М. Муминоваро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои
ИИД АМИТ, н.и.и. Аюбӣ Ф.

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6, Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ.
Тел (+992 37) 221 67 50
Email- Info@ied.tj
«19» июни с. 2025